**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10.10.с.2025, № 65*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ПРИМОВ МӮҲСИН МУСЛИМҶОНОВИЧ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи **Примов Мӯҳсин Муслимҷонович** дар мавзуи «**Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ**», дар шакли дастнавис, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори № 56 аз 1-уми августи соли 2025 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Примов Мӯҳсин Муслимҷонов шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, 9-уми июни соли 1989 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шудааст. Ӯ маълумоти умумӣ ва миёнаи пурраро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 49-и деҳаи Дашти Қозии шаҳри Панҷакент гирифта, соли 2007 ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дохил шуда, соли 2012 аз рӯйи ихтисоси математика-информатика бо дипломи аъло Донишкадаи мазкурро хатм намудааст. Тайи солҳои 2012-2013 дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намуда, бо рутбаи лейтинат сарфароз гаштааст.

Фаъолияти меҳнатияшро аз соли 2013 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент оғоз карда, давоми ин солҳо дар вазифаҳои зерин фаъолият кардааст. Солҳои 2013-2017 ҳамчун омӯзгори фанҳои математика ва информатика дар МТМУ 49-и деҳаи Дашти Қозии шаҳри Панҷакент, аз соли 2020 то 2023 – мудири бахши ҷавонони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва аз соли 2019 то ҳол мудири кафедраи математика-информатика фаъолияташро давом дода истодааст.

Примов Мӯҳсин Муслимҷонов бо фармоиши ректори МДТ "Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 29-уми декабри соли 2020, №846 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи ҳамин Донишгоҳ зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълимӣ Исломов О.А. расман ба таҳқиқоти илмӣ шурӯъ карда, кори таҳқиқӣ ва таълифи диссертатсияро дар онҷо ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ –** Исломов Озод Азимович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ:**

**- Назаров Аҳтам Пулотович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологиям информатсионӣ ва коммуникатсионии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”.

**- Бобокалонов Сухроб Нозимович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори раёсати тарбияи МДТ “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” мебошанд.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия Примов Мӯҳсин Муслимҷоновичро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донистаанд.

**Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** таъйин шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 17.09.2025, суратмаҷлиси №2А, ки он аз ҷониби эксперт, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав», номзади илмҳои физика-математика Маҳмадаиев Ҳ.С. мураттаб шуда, бо имзои ректтори МДТ “Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Примов Мӯхсин Муслимҷоновичро дар илми педагогикаи муосир муҳим ва актуалӣ ҳисобида баён доштааст, ки “Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар шароити муосир тамоми равандҳои ҳаёти ҷамъиятиро бидуни истифодаи компютер наметавон гасаввур намуд. Аз ин рӯ, барои омодагонии комили ҷомеа ба раванди истифодаи копютер баланд бардоштани маърифати хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ амри зарурӣ ба шумор меравад. Маҳз, дар раванди таълимии фанни мазкур хонандагон омода шуда, баъдан барои истифодаи донишҳои андӯхта иқдом менамояд. Аммо дар илми педагогика омодагии мутахассисон ба раванди истифодаи технологияи иттилоотӣ, бахусус кор бо компютер муносибати эҳтиёткоронаро аз ҳар нафар хонанда тақозо мекунад. Онро ба сурати дигар қоидаҳои техникаи бехатарӣ низ унвон мекунанд. Риояи талаботи мазкур ва ҳам такмили муносибати эҳтиёткорона баробари тақозо намудани меъёрҳои махсус ва ба даст овардани самараи матлуб асосҳои методиро хостгор аст. Дар илми педагогика ҳарчанд роҷеъ ба ҷанбаҳои

мухталифии итифодаи компютер дар раванди таълим таҳқиқоти муайяне сурат гирифтааст, вале ба таври куллӣ таҳқиқоти фарогир дар робита ба ин масъала ба анҷом нарасидааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рисолаи диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ», дар илми педагогикаи тоҷик аз ҷумлаи аввалин ҷустуҷӯҳои муфиди илмӣ мебошад. ки дорои аҳамият ва арзиши шоистае ба шумор меравад.

Ҳамин тарик, ниёзмандиҳои афзун дар мавриди зарурати такмили ҷанбаҳои амалӣ ва методии фанни технологияи иттилоотӣ, кам будани таҳқиқоти махсус дар самти равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими ин фан мубрамият ва муҳиммияти масъалаи меҳварии таҳқиқоти диссертатсияи мавриди тақризро ба миён оварда, навоварии назарӣ ва аҳаммияти амалии онро тақвият мебахшад".

Ҳамчунин эксперти аз ҷониби муассиса таъйиншуда қайд мекунад, ки "Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф вазъи методологӣ муайян кардааст, ки ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад; амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст.

Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз таҳияи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар низоми омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорон мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар канори ин, натиҷагирӣ ва хулосаҳои диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович имкон дорад, ки ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар робита ба усули таълими фанҳои технологияҳои итттилоотӣ ва ҳатто худи ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор гирифта шавад. Дар канори ин, натиҷаву хулоса ва маводи амалии диссертатсия метавонад аз тарафи магистрантону докторантон ҳангоми иншои рисолаҳои номзадӣ ва магистриву доктор (Phd) истифода шавад."

Саҳми илмии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович, аз як тараф, дар асосноккунии назариявии масъала ва тадқиқи ҷанбаҳои амалии он бо истифодаи равишҳои таҷрибавӣ зоҳир мегардад. Аз ҷониби дигар дар тамоми марҳалаҳои тадкикотӣ, аз ҷумла таҳияи методология, ҷамъоварии маълумот (анкетагирӣ, мусоҳиба, мушоҳида), таҳлили натиҷаҳо, пешниҳоди тавсияҳои методӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва таълифи мақолаҳо, шаҳодати равшани малакаи илмӣ-тадқиқотии ӯ мебошад.

Аз ҷиҳати сохтор ва мухтавои илмӣ, диссертатсия ба талаботи муосири корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар он тавозуни байни назария ва амалия, таҳлил ва хулоса, метод

ва тавсияҳо ба таври муназзам инъикос ёфтааст. Маълумоти оморӣ, расмҳо ва ҷадвалҳо, инчунин коркарди манбаъҳо дараҷаи баланди тадқиқотро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович саҳми назаррас дар илми педагогика мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаи шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоиро аз дидгоҳи муосир таҳқиқ намуда, модел ва тавсияҳои мушаххаси педагогӣ пешниҳод намудааст. Кор дорои арзиши назариявӣ, амалӣ ва методӣ буда, талаботи диссертатсияро ҳамчун тадқиқоти илмии мустақил ба таври кофӣ қонеъ мегардонад.

Ҳамчунин ташхисгар авторефератi диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, онро ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро мувофиқи қоида ва талаботу меъёрҳои Низомнома медонад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй низ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд.

Эксперти диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот инчунин 4 камбудии ҷузъиро ҳамчун эрод баён дошта, дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Бо вуҷуди ин эксперт таъкид кардааст, ки “Бо баробари он қайд кардан лозим аст, ки камбудиҳои зикршуда мундариҷаи арзишманди рисоларо паст намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд».

Дар маҷмӯъ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, инчунин ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Мақолоти илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

***а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1-М]. Примов М. Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон оид ба васоити таълимӣ ҳамчун як масъалаи мубрами педагогикаи мактаб [мақолаи илмӣ] // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - №1/4(92). –Бохтар, 2021. -С. 148-152. (ISSN 2663-5534).

[2-М] Примов М.М. Модели методии ташаккули муносибати эҳтиёт-коронаихонандагон доир ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ. [мақолаи илмӣ] // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати тоҷикистон. -№2(41). -Душанбе, 2022. –С.437-444. (ISSN 2308-054X)

[3-М] Примов М. Хусусиятҳои асосии консепсияи "муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми кор бо компютер" [Матн] // "Номаи Донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №2(71). –Хуҷанд, 2022. – С. 155-158. (ISSN: 2077-4990)

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷалла ва маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд**

[4-М] Примов М. Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи назарияи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. -Душанбе- 2021. – №3-4 (7-8). -С.99-103. (ISSN 2708-5759).

[5-М] Примов М. Классификация безопасности компьютера по здоровью студентов // International forum: problems and scientific solutions. -Melbourne, Australia-25-26.04.2021. –P.159-166. (ISBN 978-0-643-12109-6).

[6-М] Сафаров С.С., Примов М.М. Вазифаи хонагӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таълими фанни информатика дар мактаби миёна // Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. -№1 (1). – Душанбе, 2024. –С. 142-151.

[7-М] Примов М. Самтҳои асосии ҳифз, таъмини амнияти иттилоотӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон // Анҷумани илмӣ - амалии байналмилалии "Хонишҳои I Кули Артуч" бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҳамчунин, барномаи "Даҳсолаи байналмилалии амал" Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018 - 2028. -11-14 июл, Панҷакент – соли 2022. -С.1050-1058.

[8-М] Основные направления формирования профессионально-методической компетентности студентов в обучении планиметрии // Эпистемологические основания современного образования: актуальные вопросы продвижения фундаментального знания в учебный процесс. Материалы II Международной научно-практической конференции (Воронежчкий государственный университет -15-16 октября 2021 г.). – Борисоглебск, 2021. – С. 576-580.

[9-М] Примов М. Аз таърихи рушди математика дар Осиёи Марказӣ// З.З. Зиёвиддинзода, М. Примов // Конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Бухоро оид ба мавзуи "Масъалаҳои таърихии Бухоро". –Бухоро, 2023. - С.55-62.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи 1. Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хулосаи тақриз мусбат мебошад 1 эрод дорад.

*Гарчанде муаллиф дар боби якум афзалиятҳо ва паёмадҳои истифодаи компютерро бо пешниҳоду механизму усулҳои мушаххас муфассал баррасӣ кардааст, масъалаи роҳҳои пешгирӣ ваислоҳи вобастагии хонандагон аз компютер ба андешаи мо камтар сатҳӣ баррасӣ шудааст.*

**Тақризи 2. Азимова Назира Самадовна** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Хулосаи тақриз мусбат мебошад ва айни ҳол 2 эрод дорад.

*1. Дар диссертатсия ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии истифодаи компютер хеле хуб тавсиф шудаанд, аммо ба назари муқарриз, масъалаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои дигар бо вазъияти омӯзиши технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ камтар рушд ёфтааст.*

*2. Модели пешниҳодшудаи ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ба компютер хеле ҷолиб ва инноватсионӣ аст, аммо дар баъзе мавридҳо тарзи арзёбии натиҷаҳои татбиқи он (меъёрҳои мушаххаси ченкунӣ ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ) ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст.*

**Тақризи 3. Тайланова Шоҳида Зайниева** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи 4. Аминзода М.С.** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кухи металлургии Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия ва автореферат **Примов Мӯҳсин Муслимҷоновичро** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 1-уми августи соли 2025, №56, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси нақшаҳои илман тарҳрезишуда корҳои зиёди таҳқиқӣ анҷом ёфтааст. Аз ҷумла,*** муҳаққиқ дар таҳқиқоти мазкур муваффақ гардидааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои асосии тадқиқот як қатор вазифаҳои муҳим ва асоснокро иҷро кунад. Тадқиқот ба таҳлилу тавзеҳи амиқи паҳлуҳои назариявӣ ва амалии масъала равона гардида, аз омӯзиши асосҳои назариявии ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба истифодаи компютер дар ҷараёни таълими технологияҳои иттилоотӣ оғоз ёфтааст. Ҳамзамон, вазъи амалии татбиқи чунин муносибат дар таҷрибаи омӯзгорон ва муҳити таълимӣ муайян карда шудааст. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули муносибати эҳтиёткорона ҳамчун раванд ва натиҷаи фаъолияти таълимӣ

низ мавриди тавсиф қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни тадқиқот шаклҳо ва методҳои муассири тарбияи муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон нисбат ба истифодаи компютерҳо дар дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ ташаккул дода шудаанд. Ба ҳамин тартиб, методикаи илмӣ–амалӣ ва амсилаи методии мутобиқ ба хусусиятҳои синну солӣ ва сатҳи омодагии хонандагон таҳия гардидааст. Дар марҳилаи ниҳоӣ, эътимоднокӣ ва самаранокии амсилаи мазкур тавассути таҷрибаомӯзӣ дар муҳити воқеии таълимӣ, яъне дар синфхонаҳои фанни технологияҳои иттилоотӣ, мавриди санҷиш қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки вазъи методологӣ муайян гардида, он ба таҳкими асосҳои методии истифодаи компютер ва такмили равишҳои ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мусоидат намудааст. Амсилаи методологии мазкур аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, самтҳои муҳими истифодаи оқилонаи воситаҳои компютерӣ ва тарбияи муносибати масъулонаи хонандагон нисбат ба онҳо тавзеҳ ёфтаанд. Аз нигоҳи амалӣ, таҳқиқот бо он аҳамият дорад, ки дар асоси натиҷаҳои бадастомада амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон таҳия гардида, он метавонад дар низоми омодасозӣ ва бозомӯзии муаллимон мавриди истифода қарор гирад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии тадқиқот дар он ифода ёфтааст, ки масъалаи корбурди компютер ва усулҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ аз дидгоҳи назариявию методологӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот шароитҳои методологии истифодаи компютер ва равишҳои такмилдиҳандаи ташаккули муносибати эҳтиёткорона муайян гардида, дар асоси онҳо амсилаи методии мутобиқ ба талаботи замони муосир таҳия шудааст. Ҳамзамон шаклҳо ва роҳҳои амалисозии ин амсилаи методӣ коркард ва пешниҳод гардида, методологияи истифодаи компютер дар таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози амалӣ пурра санҷида шудааст. Дар ҷараёни тадқиқот шароити педагогии татбиқи чунин асосҳои методӣ тавсиф ёфта, бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ дурустӣ ва эътимоднокии низоми пешниҳодшуда исбот гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокӣ доранд, зеро онҳо ба асосҳои мавқеи ибтидоии методологӣ ва назариявии муаллиф такя мекунанд, ки ин асосҳо дар мундариҷаи дастгоҳи илмии таҳқиқот, истифодаи маҷмӯи методҳои мувофиқ бо вазифаҳои таҳқиқот, тартиби муназзами марҳилаҳои ташкили фаъолияти таҷрибавию озмоишӣ, такроршаванда будани интихобҳо, истифодаи методҳои омори математикӣ ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада тариқи озмоиш таҷассум меёбанд. Ҳамаи ин омилҳо имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои дараҷаи баландтарини эътимоднокӣ ва асоснокӣ бошанд.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

ба таври возеҳ дар тамоми марҳилаҳои он инъикос меёбад ва иборат аст аз банақшагирӣ, интихоби мавзуъ ва асоснок кардани он, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян намудани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯъ, ҷамъоварӣ ва муназзам сохтани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия, ки ҳамаи онҳо нишондиҳандаи иштироки фаъол, масъулиятнок ва ҳамаҷонибаи довталаб дар раванди таҳқиқот мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Аз ҷумла ба бандҳои 3.2, 3.3 ва 3.5, инчунин ба бандҳои 4.1., 4.1.1., 4.1.2. ва банди 5.1. 5.1.1 ва бандҳои 7.1., 7.1.1. ва 7.1.5. мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 11 нафар (1 нафар онлайн) аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 6 нафар доктори илм, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ **11 “нафар”,**
муқобили додани дараҷаи илмӣ **“нест”,**
бюллетенҳои беэътибор **“нест”,**

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 10-уми октябри соли 2025 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи **«Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»** кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.п., профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.ф., дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

**10.10.2025с.**